*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 9 (4749) | ЧОРШАНБЕ, 17 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ

**16-уми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои молиявию бонкӣ, маориф, Академияи миллии илмҳо, кумитаҳои ҷавонон, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъйин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни суҳбат Пешвои миллат фаъолияти сохторҳои зикргардидаро пурра таҳлилу баррасӣ намуда, аз роҳбарони навтаъйингардида барои фаъолияти боз ҳам самараноку сифатноки сохторҳои мазкур масъулияту иродаи қавии роҳбариро талаб намуданд.

- Тарбияи ҷавонони соҳибкасбу баландихтисос аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар ин замина тадбирҳои муассир амалӣ шуда истодаанд. Дар такя ба неруи созандаи ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол ва омода кардани мутахассисони дорои донишу малакаи ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои муассисаҳои байналмилалии молиявию иқтисодӣ мо метавонем дар оянда рушди устувори давлати худро таъмин намоем, - таъкид карданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии мамлакат, таваҷҷуҳи зарурӣ ба забономӯзӣ ва интихоби дурусти касбу шуғл, интихоб ва тарбияи кадрҳои ҷавон дар зинаҳои гуногуни илм, дастгирии олимони ихтироъкору навовар, ислоҳот дар сохторҳои институту пажӯҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳо, алоқамандии илм ба истеҳсолоту ихтироот, ҳар чӣ зудтар таъмин намудани шароит барои пурра гузаштан ба низоми пардохти ғайринақдӣ, иқтисоди рақамӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат аз мавзуъҳои асосии суҳбат буданд.

Роҳбарони намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Бонки ҷаҳонӣ ва Фонди байналмилалии асъор дастуру супоришҳои мушаххас гирифтанд.

- Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мутахассисоне лозиманд, ки баҳри пешрафту рушд ақлу заковат, маҳорат ва ҳастии худро дареғ надоранд, - таъкид намуданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фарҷоми мулоқот.

---

**www.prezident.tj**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПАЁМ - РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ИНЪИКОСГАРИ ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Насиба СОДИҚӢ,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, доктори илмҳои фалсафа, профессор**

**Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ миллати тоҷик бо роҳбарии Президенти ватанпарвар ва дурандеши худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми талошҳоро ба хотири нигоҳ доштани якпорчагии давлат ва ваҳдати миллат ба харҷ дод. Тоҷикистони ҷавон бояд дар ин майдони пуртуғёни таърих имтиҳони басо сахт месупорид. Хушбахтона, имрӯз халқи тоҷик тамоми барномаҳоеро, ки Сарвари давлат пешниҳод карда буданд ва пешниҳод менамоянд, бо ҷидду ҷаҳди ватанпарастона амалӣ месозад. Яке аз нишонаҳои суботи имрӯзаи Тоҷикистон Паёми ҳарсолаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ мебошад.**

Дар ҳар Паёмашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва якпорчагии кишварамонро таъкид намуда, роҳҳои амалӣ сохтани барномаҳои давлатии баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии аҳолии мамлакатро пешниҳод мекунанд. Мисоли он таҳкими ҳар чӣ бештари истиқлолият, якпорчагии давлат, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, сохтани иншооти стратегӣ, тадриҷан фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, сатҳи маърифати ҷавонон ва монанди инҳо мебошад, ки ҳама шоҳиди марҳила ба марҳила амалӣ шудани чунин барномаҳо ҳастем. Ҷорӣ намудани дастовардҳои илму технологияи замонавӣ низ яке аз масъалаҳои муҳими ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Бахусус, таваҷҷуҳ ба рушди илму маориф хеле бештар шуда, имрӯз ҳар як фарзанди тоҷик имкон дорад, ки на фақат дар дохили кишвар, балки берун аз он дар донишгоҳҳои машҳури сатҳи ҷаҳонӣ дониш омӯзад ва соҳиби касб гардад.

Дар Паёми навбатиашон Президенти кишвар қайд намуданд, ки «Соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксолию камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаю содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид. Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд».

Аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги пурифтихори гузаштаи халқи куҳанбунёдамон, эҳё намудани оину анъанаҳои неки миллӣ, тарғиби осори ниёгон ва ҳифзи ёдгориҳои моддию маънавии миллати азизамон яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Маҳз, бо ҳамин васила мо метавонем гузаштаи худро дурусту воқеъбинона дарк ва эҳсоси муҳаббат ба таърихи Ватани маҳбубамонро дар қалби наврасону ҷавонон ҷо намоем. Вобаста ба ин Пешвои миллат чунин қайд намуданд: «Тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд. Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид. Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида - Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад».

Чунин сохтор баҳри тармим ва барқарорсозии мероси таърихию фарҳангии кишвар бо ҷалби маблағи дохилӣ ва сармояи хориҷӣ, барои баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, худогоҳию ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба дастовардҳои бузурги ниёгон, муаррифии таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Тоҷикистони имрӯза аз Тоҷикистони бист соли пеш куллан фарқ мекунад. Сарфи назар аз мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ дар ин давра тавонистем, ки асосҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократии худро таҳким бахшида, сатҳи некуаҳволии халқро беҳтар намоем.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Президенти кишвар супориш доданд, ки нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия шавад ва маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо, музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шаванд.

Дар Паём таъкид гардид, ки «авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад». Амалӣ шудани ин дастури Пешвои миллат аз мақоми омӯзгору сатҳи донишандӯзӣ вобастагии зич дорад, зеро танҳо илм метавонад роҳи паҳн шудани радикализми динӣ ва ҳар гуна амалҳои зарароварро гирад. Зиёд кардани соати фанҳои мантиқ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, этика ва эстетика дар мактабҳои олӣ боиси ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва мафкураи солими ҷавонон мегардад. Президенти кишвар борҳо таъкид намудаанд, ки дар ҷаҳони имрӯза танҳо тавонистани хондану навиштан нишонаи босаводӣ нест. Ҳар як ҷавони тоҷик бояд на камтар аз ду забонро донад ва технологияи компютериро аз худ намояд. Саводи кофӣ бештар бо хондани китоб ба даст меояд. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем дониши худро васеъ намоем. Ҳар як падару модар ва омӯзгор вазифадор аст, ки кӯдаки худро чунон тарбия намояд, ки хондани китобро дӯст дорад. Дар мактабҳои миёна хонандаро ба хондани китобҳои фалсафӣ бояд ҷалб намоем, зеро яке аз роҳҳои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ донишҳои фалсафӣ ва мантиқ мебошад.

Баҳри баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии насли наврасу ҷавон Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бениҳоят муфид мебошад. «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ин самт мусоидат менамояд. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» ин равандро тавсеа бахшидааст. Баҳри муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, таблиғ ва эҳёи санъати миллӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодӣ Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» саҳми бориз дорад.

Ба ифтихори 30-солагии Конститутсия эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» давоми мантиқии сиёсати давлату Ҳукумат баҳри рушди давлат ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишвар мебошад. Давлати мо ҳуқуқбунёд аст ва бояд насли наврасро ба эҳтироми қонун, меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳисси масъулияти иҷтимоӣ, ҳамчун муҳимтарин хислатҳои неки инсонӣ талқин намоем.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санади муҳими стратегӣ мебошад, ки дар он иродаи халқ, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат бо як низоми муайяни таҳлилию мантиқӣ ироа карда мешавад.

Вақте ки сухан дар бораи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меравад, бояд дарк намоем, ки Паём муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии ҷумҳурӣ буда, аз соҳибистиқлол будани давлат гувоҳӣ медиҳад. Агар истиқлолият муқаддастарину азизтарин дастовард, неъмати бебаҳо, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаободию саодатмандӣ, суботу осоиштагӣ ва неруи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо бошад, Паёми Президенти кишвар низ яке аз муҳимтарин рамзҳои давлати соҳибистиқлоли мост.

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 674**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 675**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Салимзода А. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Салимзода Алиҷон Абдуҷалол бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 676**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шарифзода Фирӯз Ҳумдин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 677**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа озод намудани Насриддинзода Э. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 678**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Раҳимӣ Фарҳод**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳимӣ Фарҳод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 679**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 680**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Толибзода Ф. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 681**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шарифзода Фирӯз Ҳумдин муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 682**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Икромӣ С. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Икромӣ Сироҷиддин Салом муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 683**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин намудани Хушвахтзода Қ. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 684**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Мирзо Х. Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзо Хуршед Файзуллозода директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 685**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа таъйин намудани Раҳмонзода А. Қ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 686**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) таъйин намудани Раҳимӣ Д. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳимӣ Дилшод Камолзода Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, № 687**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №6, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонзода А. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №7, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» озод намудани Икромӣ С. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Икромӣ Сироҷиддин Салом бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №8, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озод намудани Хушвахтзода Қ. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №9, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мирзо Х. Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзо Хуршед Файзуллозода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №10, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Раҳимӣ Фарҳод**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳимӣ Фарҳод раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №11, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Гулаҳмадзода З. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №12, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» таъйин намудани Салимзода А. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Салимзода Алиҷон Абдуҷалол раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 январи соли 2024, №13, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин намудани Насриддинзода Э. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шоназаров Содиқ Ашӯрович бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-486**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сироҷзода Сайфиддин бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-487**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муқимӣ Сабоҳат Амин бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-488**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидзода Исфандиёр Искандар мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-489**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидмуродзода Хурсанд Абдуваҳоб мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-490**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Холиқзода Ҷонибек мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 16 январи соли 2024, №АП-491**

# МУЛОҚОТИ САИДМУРОД ФАТТОҲЗОДА БО ГИОРГИ ЧХЕИДЗЕ





**15 январи соли 2024 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо кордори муваққатии Сафорати Гурҷистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қароргоҳаш дар шаҳри Тошканд) Гиорги Чхеидзе мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо ба масоили ҳамкориҳои байнипарлумонӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ миёни ҳар ду кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Иброз гардид, ки Тоҷикистон ҷонибдори афзун намудани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Гурҷистон дар рӯҳияи анъанаҳои деринаи дӯстӣ ва ҳамбастагии байни кишварҳо ва халқҳост.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Қонун ва иҷрои он

# ХУДШИНОСӢ ПАЙМОНИ АҚЛУ ТАФАККУРИ ИНСОНИСТ

**Соли 2011 зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба миён омад. Он бо ибтикори хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифт. Қонуни мавриди назар аз сертаваҷҷуҳтарин қонуни миллист, ки муқаддастарин рисолату тақозои насли одамӣ - тарбияи насли шоистаи даврро муҳимтару саривақттар баррасӣ намуд.**

Манзур аз матлаб чист? Дар таркиби қонуни мазкур дар радифи дигар мафҳумҳо «тарбия» омадааст, ки як ҷаҳон маънӣ дорад. Дар ин таркиб манзур на танҳо одоб омӯхтан аст, балки он фарогири дигар ҷанбаҳои масъулият – худшиносӣ ва ҳувияти миллист. Аз он чунин маънӣ бармеояд, ки падару модар аз рӯзҳои нахуст – аз он рӯзе, ки фарзанд қадам дар ақл устувор мекунад, барои ӯ асбоби тарбия муҳайё созад, дарси бедорӣ, ҳаё ва номус омӯзонад, ҳарчанд ин асбоб бояд барои миллате, ки фарҳанги пурғановат дорад ва ҳар як матлабаш дарси худшиносист, мушкиле надошта бошад. Агар мушкиле дошта бошад, аввалан бори он мушкилиро падару модар ба дӯш мекашад. Чунки падару модар бояд донанд, ки фарзанди онҳо дар сар чӣ андеша дорад. Гаравиш ва ба банду қайде моил шудани фарзандро низ нахуст падару модар, баъдан мактабу ҷомеа эҳсос мекунанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», пеш аз ҳама, волидон ва баъдан омӯзгору ҷомеаро барои ба камоли маънавӣ расидани фарзанд масъул мекунад. Тавре аз қоидаҳои тиллоии илми педагогика бармеояд, фарзанд дар ягон ҳолат айбдор дониста намешавад, зеро ӯ гунаҳкор нест, ки дар оилаи носолим таваллуд шудааст ё дар боғча таълими шоиста нагирифтааст. Дар тарбияи насли наврас нақши мураббӣ ва омӯзгор бояд назаррас ва ин ду шахс ба дарки ҳолатҳои педагогӣ фарогирифта бошанд, дониши онҳо таъсиргузор бошад, то шогирдро ором нагузорад ва ба амалҳои нек ҳидоят кунад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд: «Сухан аз маърифати кулли ҷомеа меравад, ки бо ҳамкориву робитаи зичи се ниҳод - оила, мактаб ва ҷомеа ҳамбастагӣ дорад». Агар бунёди тафаккури падару модар аз худшиносӣ ва худогоҳӣ тиҳист, пас худи онҳо дар дуроҳаи роҳгумӣ мемонанд. Тасаввур кунед, фарзанди аз домони шумо сабзида, ки пояю бақои умри оила аст, побанди як аҷнабӣ мегардад, тафаккури ӯро дар қаламрави тан ҷо медиҳад ва мунтазири амри онҳо мегардад. Арбоби сиёсии андешавари давлатии рус П. А. Столипин ҳанӯз як аср пеш гуфта буд: «Қавми маҳрум аз худшиносии миллӣ, мисли поруест, ки ба рӯйи он қавмҳои дигар рушд ва нумӯъ мекунанд».

Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсияти дорои ҳувияти миллӣ ва ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад. Мо зиёд дар бораи музаффарияти бо ҷону хун бадастоварда - сулҳу ваҳдати миллӣ, осоишу амният ва якпорчагии марзу бум ҳарф мезанем. Боисрор бояд гуфт, ки фақат худшиносии миллӣ қодир аст пойдории ин музаффариятро таъмин созад, арзишҳои аз маҳрумиятҳои таърих - забон, фарҳанг, расму оин раҳидаамонро ҳифз намояд. Падару модар бояд ин хислатҳоро дар мағзу ҷони фарзанд ҷо карда, пеши роҳи ҳар гуна тамоюлу гаравишро гиранд, чароғи миллатро фурӯзон кунанд, агар наметавонанд, пас ин аз заъфи рӯҳи миллии онҳост.

Бояд гуфт, ки амалҳои гаравиш худ аз худ сурат нагирифта, бештар аз бемасъулиятӣ нисбат ба таълиму тарбия сар мезанад. Як манзараи ҷавобгӯи матлаб: Дараи Варзоб яке аз мавзеъҳои хушманзари кишвар маҳсуб меёбад. Солҳост, ки лаб-лаби дарё ҷойи истироҳат ва меҳмонпазироист. Дар ошхонаҳои он ошпазҳои таҳҷойӣ беҳтарин хӯрокҳоро омода мекарданд. Ҳоло яке аз мавзеъҳои он тағйири ном кардааст - Измир. Табдили ном кардани Чорбед ба Измир шояд он қадар ҷойи сӯз набошад. Ҷойи сӯз дигар аст: аз писарбачаи пешхизмати навхат пурсидам: - Чӣ ном дорӣ? Бо лаҳни монанд ба ифтихор гуфт: - Наврӯз. - Пас чаро дар сари синаат «Конор» навишта шудааст. Ин кадом Конор аст?- боз пурсон шудам. Ӯ каме ошуфта гашту «Ин ҷо ҳамин хел аст», - кӯтоҳ ҷавоб дод. Шояд, ин аз тариқи аҳду паймони корфармо бошад, бо ин тарз онҳо аввал фазои ҷомеаи моро месанҷанд. Ин шакли ташхиси онҳост, вале дар ин ҳол, эҳсосоти миллӣ роҳ намедиҳад, кас хомӯш истад. Ҳама чиз аз андак сар мешавад.

Суоле ба ин серталабӣ матраҳ мешавад: Ба фарҳанги бегона майл кардан аз хотири чист? – эътиқод, таҳоҷуми фарҳангӣ, манфиат, эҳтиёҷ…? Ин суолест, ки дилхоҳ зеҳнро машғул мекунад.

Мутаваҷҷеҳ шавед: - Ҷойҳои дилфиребамон ба онҳо маъқул шудаасту номҳои фарзандонамон не! Дар ҳеҷ як ҳолат наметавон аз номи суннатии як миллат ҳазар кард. Ном арзишмандтарин сарвати маънавии инсон аст, ки аз падару модар мерос мемонад. Ба хотири фарҳанги суннатӣ номи фарзанд бо лаҳни шево, назокат ва маънии луғавӣ монда шавад, то фарзанд маънои онро сарфаҳм равад. Номи наку фардо боиси хушҳолӣ ва тафохури фарзанд мегардад, ки он, бешубҳа, аз масъулияти падару модар бармеояд. Он як нишонаи ҳифзи ҳувияти миллӣ мебошад. Расул Ғамзатов мегӯяд: «Марди кӯҳистонӣ бояд ду чизро эҳтиёт кунад: кулоҳ ва номи худро. Номро касе эҳтиёт карда метавонад, ки дили пуроташ дошта бошад».

Агар тоифае аз номҳои мо ор кунанд, ин шояд ба манфиати мақсаду мароми онҳост, вале мо чӣ? Мо эътиқод ва расму оини ҳазорсолаҳо ҳифзнамудаи ниёгонамонро зери шубҳа мегузорем? Ин агар дар назар як ҳолати одӣ намояд ҳам, як ҷаҳон задухӯрди маънавиро дар худ печида мегирад ва роҳи паймудаю санҷидаи ақлу тафаккури инсониро собит месозад.

Ба ҳодисаҳои муҳим хулосаҳои шитобкорона баровардан камоли ҳунар нест, лекин чаро мо ба бегонагон изн гузорем, ки ба фарҳанги суннатии номгузориамон дахл кунанд? Ин як воситаи озмоиш аст, ки донистан мехоҳанд дар шараёни хуни мо то чӣ дараҷа ҳувияти миллӣ ҷӯш мезанад ва иродаамон то кадом дараҷа устувор аст? Ин «лаборатория»-и онҳоро чӣ тавр метавон нодида гирифт? Фикр мекунам, мо дар пухтупаз аз ҳеҷ як халқу миллати дигар кам нестем.

Дар таркиби ном ҳисси худшиносӣ нуҳуфта ва дар таркиби мафҳуми худшиносӣ бошад, қисмати талху ширини фардои ин халқу ин марзу бум ниҳон аст. Чӣ тавр онро ба хотири кадом як манфиат қурбони номҳои бегона кунем? Магар ҳамон маблағе, ки хориҷӣ медиҳад, ошпазҳои маҳаллӣ имкони додани онро надоранд? Ҳаққулзаҳмати зиёдтаре, ки хориҷӣ медиҳад, аз ҳисоби нархҳои дандоншикан мебошад. Дар бораи нархҳои дандоншикани анвои хӯроку газакҳои гуногуне, ки фақат аз «окорочка» омода мешаванд, ҳоҷати гап нест.

Ватандорӣ аз гӯшаи имон аст. Кадом ватандор метавонад ба осонӣ фарҳанги бегонаро қабул кунад. Оё падару модар ба онҳо дарси садоқат ба ин марзу бумро наомӯхтаанд? Мо бояд ҳисси худшиносию худогоҳиро дар ниҳоди фарзанд то он дам ташвиқ намоем, ки бедор шаванд ва ҳувияти гарми миллиро эҳсос намоянд.

Ба фарҳанги бегона рағбат пайдо кардан дар дигар ҳолатҳо низ дида мешавад. Тарзи либоспӯшӣ, дароз давондани риш, шеваи рафтор, ки имрӯз сарусадоҳои зиёдеро фарогир аст, фақат аз рӯи ҳавою ҳавас буда, аз як тақлиди кӯр-кӯронае беш нест. Риш ҳеҷ як ҷавонро ба биҳишт намебарад, чунки роҳи биҳишт аз роҳи хирад аст, на аз риши дароз. Ниёгони мо санъати ришмонӣ доштанд. Он суннати муқаддас аст ва бояд онро пос дошта, хосияту моҳият ва манзалати хоси онро ҳифз кард. Дар он як рисолати ақлсолорию хирадгароӣ маҳфуз аст. Шахси ришдор барои ҷавонони навхат намуна буд ва шахси рӯзгордида маҳсуб мешуд, ки дар шикасту рехти зиндагӣ обутоб ёфтааст.

Ё худ дар ин равиш либосҳои дарози ба баркардаи ҷавондухтаронро бинед. Маълум нест, ки он аз роҳи сатру имондорист ё аз муҳаббат ба мӯд. Онҳо моро бо ин молу матоъ озмоиш мекунанд, қудрати иродаамонро меозмоянд. Агар он либосҳоро духтарони мо бо мақсади сатру намоз пӯшанд, дониста монед, ки он ҳеҷ гоҳ намозӣ шуда наметавонад, чунки чунин пироҳанҳои дароз кӯчаҳоро рӯфта- рӯфта меравад ва кӯчаю паскӯча ҷойи тоҳир нест, дар он ҷо саг ҳам бавл мекунад, гурба ҳам.

Вақте ки мебинем, фарзанди як шахси худогоҳу худшинос ба мартабае мерасад, ба нозу неъмат ғарқ мегардад, намуди зоҳириаш зуд мегаравад, ҳатто аз арзишмандтарин сармояи худовандӣ – забони модарӣ ор мекунад. Ҳайрат аз он аст, ки ба таъбири Иқболи Лоҳурӣ ин тамоюл аз заъфи фарҳанг аст ё аз «қуввати фаранг?». Ин маълум нест, вале дар ин ҳол шаҳболи хаёл касро ба шоҳсуханҳои «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов мебарад.

Вақте ки Расул Ғамзатов дар Париж як рассоми доғистонии таркиватанкардаро дучор мешавад, баъди бозгашт хешу табори ӯро пайдо карда, лаб аз ҳикояти фарзанди ғарибафтода мекушояд. Модараш мепурсад:

- Ба аварӣ гап задед?

- Не, ба воситаи тарҷумон. Ман ба русӣ, писаратон ба фаронсавӣ. Модар рӯяшро бо либоси сиёҳ пӯшонд, чунон ки ҳангоми шунидани марги фарзанд мепӯшонанд.

Пас аз хомӯшии дурударозе модар гуфт:

- Ту ғалат кардӣ, Расул, писари ман кайҳо мурдааст. Вай писари ман не, писари ман забони ман, забони модари авар ёддодаро фаромӯш намекунад.

Ё дар ҷои дигар бо лаҳни монанд ба накуҳиш мегӯяд: «Ман касонеро дидаам, ки забони модариро ба чашми кам мебинанд ва ба ҷустуҷӯи забони бою маъруфтаре, бузургтаре камар бастанд, аммо тақдирашон ба бузе аз афсонаи аварӣ монанд шуд: Бузе ба беша меравад, ки думашро ҳамчун думи гург дароз карда биояд, аммо аз шохҳояш ҳам маҳрум шуда бармегардад».

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳатто навиштаҷоти мантиқан хатои овезаҳои ташвиқотӣ - «мусиқии зинда» (воқеӣ), «гулҳои зинда» (табиӣ), «нони очагӣ» ва дар маҷмӯъ, эҳтироми риоя накардани қоидаҳои имлои забони давлатӣ (он шояд баррасии дигарро тақозо кунад), ки дар ҳар сари қадам вомехӯранд, аз ноогоҳии миллӣ сар задаанд. Беэҳтиромӣ нисбат ба забони давлатӣ, ки аз нохудшиносӣ бармеояд, дар ниҳоди шахс як ҳиссиёти ноқаноатмандию ошуфтагиро ба вуҷуд меорад ва ин соҳибкорони худкома онро ба мардуми як шаҳр ташвиқ мекунанд, ки зеҳни бинанда ба ҳамин шакли ғалат нақш мебандад. Дар сурати нагирифтани пеши роҳи ин «бемориҳои маънавӣ» он метавонад сироят кунад ва бори мушкилоти забонро зиёд намояд. Дар ин сурат, мо бояд ҳама ҳунари худро ба он равона созем, то худро шиносем ва асолати фарҳанги миллии хешро дифоъ намоем. Бояд зикр кард, ки ин мисраъҳои Лоиқ аз сӯзанд, на аз соз.

**Худоро мешиносӣ, ҳамдулиллоҳ,**
**Агар худро шиносӣ, боз беҳтар.**

Надонистан, нашинохтан ва қадр накардани арзишҳои миллӣ аз ноогоҳии миллӣ ва заъфи мафкура аст. Дар ин бора бисёр гуфтем ва ёдовар мешавем, ки ташвиқи аз ҳад беши «самбӯсаҳои ӯйғурӣ» низ аз ҷумлаи надонистани арзишҳои суннатӣ ва ҳамин «беморӣ»-ҳои маънавианд, ки ҳувияти миллии таббоххои моро равшан карда, боиси озурдагии хотири шахси худогоҳ мегардад. Шахсро андешае водор мекунад, ки чаро номи як анвои таоми миллати бегона шаҳрро «пахш» кардааст. Чаро соҳибдӯконҳо манфиати худро баландтар аз арзишҳои миллӣ қабул доранд? То ҳол маълум нест, ки дилбастагии мардум ба номи ин навъи самбӯса аз кадом ҳисоб бошад, ҳол он ки ташвиқу тақлиди ноҷову ботил эътибори фарҳанги таомпазии миллии моро зери шубҳа мегузорад.

Он чӣ вобаста ба тамоюл ба фарҳанги бегона ва эътиқоду самимият ба забони давлатӣ гуфтем, бояд як ҳушдоре бошад дар мавзуи таҳоҷуми фарҳангӣ ва ҳифзи хештаншиносӣ. Мо бояд мақоми масъул ва ваколатдори ҳифзи ҳувияти миллӣ дошта бошем ва дарди бедорӣ кашем.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

**Назари хос**

# АДАБИЁТИ МИЛЛӢ ВА АСЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

**Нафас дорад,**
**валекин ҷон надорад,**
**Касе, к-ӯ бар**
**муроди дигарон зист.**
**Муҳаммад ИҚБОЛ**

**Хуршед ҳар саҳар дарвозаи рӯзро боз мекунад ва зиндагии тоза оғоз мешавад ва шом бо ғуруби хеш ин дарвозаро мебандад. Садҳо ҳазорон сол аст, ки чархаи гетӣ ба ин равиш мечархад ва инсонҳо шоҳиди ин ҳол ҳастанд. Ҳаройина, суханвароне ва андешаварзоне ҳастанд, ки эҳсос кардаанд бояд ин мақоми волои сарчашмаи Меҳрро ситуд ва дар зеҳну ҳуши инсон ин боварро тоза кард ва беш аз ин башар рӯзеро дар тақвим махсус ба «Рӯзи Офтоб» кардааст, агарчи ҳама рӯз рӯзи офтоб аст ва рӯзро бидуни офтоб тасаввур натавон кард.**

Фарҳанг ва тамаддуни оламафрӯзи тоҷик ва тасдиқу таъкид бар ҷойгоҳи он, ба ҳақи истиқлоли он ба ин қиёс аст. Яъне, ҳақиқатест ба ин андоза равшану бебаҳс, аммо лаҳзае бояд аз ёдкарди он, посдории он, ҳимоят аз он фориғ набуд, хоса, ки таърих ёд медиҳад, агар чунин амал нашавад, имкон дорад ҳар лаҳзае, аз ҳар гӯшае ба инкори ин ҳақиқат гуфторе ва рафторе сурат бигирад ва беоқибат ҳам намонад.

Ҷомеашиносони умда дар поёни даврони «ҷанги сард» ба ин назар расидаанд, ки дар оянда унсури аслии таъйинкунандаи ҳувият ва истиқлол, ҳамчунин, иттиҳодҳои ҷаҳонӣ на мисли собиқ идеология, балки тамаддун хоҳад буд ва иттиҳоду умумияти тамаддунию фарҳангӣ бар ҳар навъ умумият ва иттиҳоди идеологӣ бартарӣ пайдо хоҳад кард. Рухдодҳое, ки дар садаи охир дар ҷаҳон мушоҳида мешавад, зоҳиран ин ҳукмро тасдиқ менамоянд. Ба асоси ин назар бояд дар мавриди пойдорӣ ва осебнопазирии ҳувият ва фарҳанги миллӣ ва ба ин восита истиқлоли миллии худ хушбин бошем, чун миллати мо дорои яке аз тамаддунҳои ҷаҳоншумул ва камназир аст, аммо аз сӯйи дигар бояд бар он андешид, ки ин тамаддун ва фарҳанги оламшумул, ки ба мизони болое арзишҳои умумибашарӣ ва инсондӯстонаро дар худ парварда ва маҳфуз доштааст, то чӣ ҳад аз унсурҳо ва механизмҳои худдифоъ бархӯрдор аст, то куҷо дар муқобили дахолат ва таҳоҷуми фарҳанги бегона ва тасаллути манофеи бегона марз таъйин намуда, худро беосеб гардондааст.

Муқоисаи аҷибе даст медиҳад, агар аз ин дидгоҳ ба назариёти ҳакими юнонӣ Афлотун, ки дар маорифи куҳани мо таъсири бузурге доштааст, назар карда шавад. Вақте ба яке аз осори бунёдии ӯ «Ҷумҳур» муроҷиат менамоем, ки дар он тарҳи давлатшаҳри ормонии худро рехтааст, мебинем, ки ӯ ба ҳушёрии тамом мавзуи дифоъро мулоҳиза намуда ва ҳатто гузашта аз ин, тавре сухан гуфтааст, ки гӯё густариш додани хоки худ аз ҳисоби хоки дигарон як амри ногузир мебошад. Он гуна, ки дар асари мазкур дар фасли «Лузуми таҷовуз ба хоки ҳамсоягон» менависад: «Гуфтам: пас агар бихоҳем замини кофӣ барои чаро ва кишоварзӣ дошта бошем, бояд ба хоки ҳамсоягони худ таҷовуз кунем ва онҳо низ агар по аз ҳадди эҳтиёҷи худ берун ниҳанд ва тамаъи касби мол бар онҳо ғалаба кунад, маҷбур хоҳанд шуд ҳамин муомаларо бо замини мо бикунанд. Гуфт: оре, Суқрот, ночор чунин хоҳад шуд. Гуфтам: пас, эй Галовкан, вақте ки кор ба ин ҷо кашид, оё бояд ҷанг кунем ё роҳи дигаре дар пеш дорем? Гуфт: ночор бояд биҷангем».

Аммо дар ин мавзуъ назари муаллими аввал (бино ба гуфти Абуалӣ ибни Сино), муаллими Искандар – Арасту чунин буда, ки ҷаҳон аз ду бахш иборат аст - ҷаҳони мутамаддини онҳо ва боқӣ паҳнаи барбарият ва пас аз он ки Искандар «рисолати таърихӣ»-и худро «дар интишори тамаддун дар паҳнаи барбариҳо» ҳамроҳ бо фарҳангсӯзиҳо амалӣ месозад, дар фарҳанг ва адаби ин милал ба намоди хирад ва адолат табдил мешавад.

Зимнан, ҷолиб аст, ки ба шаҳодати назарияпардози бархӯрди тамаддунҳо Семюэл Ҳангтингтон донишмандони амрикоӣ низ пас аз фурӯпошии низоми коммунистӣ бо беэътибор донистани гуногунии фарҳангии ақвоми пуршумори Шарқ ва Осиё ҷаҳонро мисли ҳакимони Юнони қадим ба ду қисмат ҷудо мекунад: «минтақаи сулҳ» ва «минтақаи ошӯб» (беназмӣ), ки аввалӣ шомили Ғарб ба изофаи Япония - дарбаргирандаи 15 дарсади аҳолии ҷаҳон ва дувумӣ боқии ҳамаи кишварҳои олам мебошад. Ин на танҳо тақсим, балки шояд таъйин ҳам ҳаст.

Маълум аст, ки дар Ғарб бо пайдоиши давлатҳои миллӣ ва буржуазияи миллӣ «манофеъи миллӣ» муҳимтарин мафҳуми таъйинкунандаи хати машйи сиёсӣ гардид, ки имтиёзи нажодӣ, ки ахиран ниқобҳои дигареро аз арзишҳои иҷтимоӣ бар рӯй кардааст, унсури аслии ангезанда ва ташвиқкунанда дар таркиби ин навъ сиёсатҳо мебошад.

Дар ин миён намоди барҷастаи фарҳанги оламшумули мо қитъаи машҳури шайх Саъдӣ баргирифта аз ҳадиси Паёмбар (с) «Бани Одам аъзои як пайкаранд…», ки дар пештоқи Созмони фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) насб шудааст, ҳамроҳи ин созмон дар миёни сабқатҳои таъмини манофеъ чӣ ғариб ба назар мерасад. Аммо ин шиор, ки дар замони худ аз мавқеи қудрат эълом шуда буд, аз дифои зарурӣ бархӯрдор буд ва агар касе хилофи он рафтор мекард, посухи лозим ҳам ба ӯ дода мешуд ва наметавонист ниқоби рафторҳои баръакси мазмунаш қарор дода шавад.

Баъзан мушоҳидаи баҳсҳои матбуотӣ ва маҷлисие, ки перомуни низоъҳои ҷаҳонии имрӯз сурат мегирад, имкон медиҳад бо таажҷуб пай барем, ки ҳама нигоҳ ва умеди мо ба хориҷ аз ҷаҳони худи мост, гӯё баъзан заминеро, ки бар он истодаем, эҳсос намекунем. Як гурӯҳ мегӯяд, мо дар ин низоъ бояд аз манофеи он тараф ҳимоят бикунем ва гурӯҳи дигар мегӯяд аз тарафи муқобил ва баҳс он қадар гарм мешавад, ки лозим аст касе бигӯяд, мо қабл аз ҳама бояд аз манофеи миллии худ ҳимоят бикунем, ки шояд на дар ин тараф бошад ва на дар он тараф ва умдатан дар ширкат дар ҳеҷ навъ низоъ набошад. Мусаллам аст, ки миллатчигии ифротгароёна ва нажодпарастӣ дар тамаддуни башарӣ падидаҳои манфӣ шинохта шудаанд. Аммо агар як халқ маҳз ба далели мансубияташ ба як нажоди муайян ва миллати муайян мавриди таъқиб қарор мегирад ва ҳуқуқҳояш сарфи назар мешавад, масъала аз маҳдудаи миллат ва нажод берун меравад ва мавзуи «ҳифзи адолат» ба миён меояд, ки ҳам аз дидгоҳи арзишҳои умумиинсонӣ ва ҳам эътиқодӣ (дар ҳама адёни ҷаҳонӣ) муқаддас дониста мешавад.

Он чизе, ки маорифпарварони ду садаи гузаштаи Шарқ ва аз ҷумла маорифпарварони худамон барои иҷрояш қиём ва ҷоннисорӣ карданд, шояд, пеш аз ҳама, аз байн бурдани таноқузи (парадокси) азиме буд, ки дар сиришти фарҳанги мо ҷо ёфтааст: аз як тараф ифтихори беҳадду ҳудуд аз гузаштаи дурахшони худ ва аз тарафи дигар ҳеҷ навъ ҳаққу ҳуқуқи шоистае (хусусан сиёсию иҷтимоӣ) қоил набудан барои худ ва қавму миллати худ, ҳатман омили хориҷӣ ва берунӣ ва ҳатто ҷузъи сарнавишт ва тақдир донистани ҳар навъ қудрати бегона ва хориҷӣ бар худ. Агар Иқболи Лоҳурӣ барои барандохтани ин гуна рӯҳиёт бо баъзе фирқаҳои каҷрави дарвешию қаландарӣ ва ба зоҳир тасаввуфӣ ба набард бархост, маорифпарварони тоҷик низ, талош карданд то бо тағйири бунёдии эътиқодоти миллати худ ин таноқузро аз байн бибаранд, ки аз ин назар дар осори онҳо ҳанӯз нуктаҳои омӯхтанӣ зиёд аст. Аз ҷумла, дар осори ин давраи устод Садриддин Айнӣ.

Дар адабиёти даврони шӯравии тоҷик ҳам ин мавзуъ ҷо-ҷо мушобеҳ бо пардохтҳои Иқбол ба назар мерасад. Агар ба осори «ҳиндустонии» устод Турсунзода таваҷҷуҳ шавад, агарчи ӯ аз мавқеи як шахсияти мустақил ва озоду босаодати кишвари намуна сухан мегӯяд, ба лаҳну оҳанге мегӯяд, ки ҳаргиз гумон намеравад мухотабони худро бегона шуморад ва ҳамеша сухани ӯ бо фарҳанги халқи худаш бофт мехӯрад. Аз ҷумла, дар манзумаи «Духтари муқаддас», он ҷо ки дар тасвири аҳволи ҷомеаи Ҳиндустон чунин тасвири рамзии пурмаъноро ба кор мебарад:

**Монда буд хомӯш**
**тӯпи Замзама,**
**Гӯшро кар карда**
**«Султон Ҷамҷама».**

Тӯпи Замзама мисли «Шоҳтӯп»-и (Царь пушкаи) русҳо рамзи қудрати салтанати Ҳинд дар Лоҳур дар муқобила бо истилогарон буд ва «Султон Ҷамҷама» аз зумраи ҳамон сурудҳои ба зоҳир мазҳабии (наъти) машҳурест, ки дар Тоҷикистон ҳам, аз ҷумла дар замони худи устод Турсунзода, ривоҷи тамом дошт ва фалсафаи тарки дунёро талқин менамуд ва дар байни мардум бо номи «Каллаи пӯсида» ҳам маъруф аст.

Дар даврони баъдии адабиёти тоҷик, хусусан аз солҳои 60 ба баъд дар назм мавзуи худшиносӣ ва ҳувият ва истиқлоли миллӣ рангу ҷилои хосае касб кард, умқи бештар ёфт. Дар наср низ, ба вижа, насри таҳлилӣ ва андеша низ. Яке аз намунаҳои нахустин ва дурахшони ин ҷараён қиссаи нависандаи боистеъдод Пӯлод Толис «Тобистон» буд. Пӯлод Толис бо басирати хоси худ аҳамияти равонковии фарҳангии миллати худро дарк намуда, дар симои яке аз персонажҳои пурмаънои ин қисса Қосимҷон – ҷавони кӯҳистонии тоҷик ҳамон таноқуз (парадокс)-ро ба сурати намунаи барҷастаи типи фарҳангии тоҷик офаридааст. Қосимҷон шахсест тору пуди вуҷудаш аз одамият ва инсонгарӣ сиришта ва дар ташаккули чунин шахсияте адабиёти классикӣ ва халқии тоҷик саҳми зиёд дорад.

Дар айни ҳол симои ормонӣ дар ҳамин қиссаи Пӯлод Толис Шокир Тароша мебошад, ки агарчи бо Қосимҷон аз як маҳал аст, аз назари хислат қутби мухолифи ӯро ташкил медиҳад. Ӯ маънавият ва дилбастагии Қосимҷон ба адабиётро надорад, пойбанди урфу одатҳо ҳам нест, аммо ҳамеша барои ҳақи худ ва ҳақи дигарон, ки мазлум воқеъ шудаанд, талош менамояд. Шояд нависанда бетафовутии ӯро ба адабиёти олимашраб, вале яъспарвару яъсофарин як омили мубориз будани ӯ қаламдод кардан мехоҳад.

Зимнан, ҷолиб аст, ки хатми фоҷиаангези зиндагии ин нависандаи накуном бо дифоъ аз ҳуқуқи ҳамон мардуме, ки Қосимҷон аз зумраи онҳо буд, робита пайдо кард. Маълум нест, бозии тақдир буд ё бозии қудрат.

Бисёранд нухбагони андешаи башарӣ дар ҳама милали мутамаддини ҷаҳон, ки сидқан ба адабу фарҳангу тамаддуни мо арҷ гузошта, бо он худ ва кишварҳояшон муносибати дӯстона ва хайрхоҳона доранд, аммо он чӣ саҳми худи мост, аз дигаре онро натавон хост. Мо бояд дар баробари баёнияҳо ва хитобаҳои адабӣ амиқан ба ин бовар бирасем, ки ин фарҳанг сад бор ҳақи истиқлоли комил дорад, дар ҳама арсаҳо, аз ҷумла сиёсат. Дар баробари ситоиши ифтихоромези забонамон самимона ба худ бовар бидиҳем, ки ин забон танҳо забони муошират ва шеъру адаб нест, балки на камтар аз ҳар забони ҷаҳонӣ метавонад забони илм, сиёсат, фанноварӣ (технология), саноат, низомӣ ва ғайра дар муосиртарин сатҳ бошад.

Дар ин замина ҳатто бештар ва пештар аз адабиёт бояд накди адабӣ фаъол бошад, чун ҳалли ин навъ мавзуъҳо вазифаи бевосита ва мустақими накди адабӣ аст. Таҳлили мавзуии осори адабии муосир ба тавре бояд анҷом шавад, ки адибони имрӯз мавзуъҳои ҷовидонӣ ва муқаддасе чун ватан ва ватандӯстӣ, халқу миллат, истиқлол ва ҳувиятро бо диди амиқ ва шинохти васеъи ин масоил мавриди тасвиру баррасии адабӣ қарор бидиҳанд. То ҳанӯз баъзан бар зарурати вуҷуди бандубаст ва тасвири ҳунармандонаи адабии ин мавзуъҳо ишораҳое шудааст, аммо масъалаи аз ин муҳимтар он аст, ки ин мавзуъҳо дар кадом навъ ва сатҳи ҷаҳонбинӣ тасвиру таҳқиқ мешаванд. Оё ин навъҳо ва ин сатҳҳо посухгӯи хостаҳо ва масоили ҷаҳони муосир ҳастанд ё не?

Имтиёзи барҷастаи адабиёт ва фарҳанги муосири мо дар ҳаллу фасл ва таҷассуми бадеии ин мавзуъ, яъне истиқлол ва ҳувият, ки нисбат ба ҳамаи давраҳои гузашта ошкор аст, ин аст, ки имрӯз ин мавзуъҳо на танҳо маҳдуд карда намешаванд, балки осори дар ин заминаҳо таълифшуда ҳимоят ва ташвиқ мешавад. Танҳо бояд бо арҷ гузоштан ба ин имкон дар мавзуи мазкур бо ҷиддият ва жарфнигарии бештар, баёни бештар асаргузор ва мондагор ба таълифи осори муносиб пардохт.

**Рустами ВАҲҲОБ**

**Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист...**

# ҲАФТ ЧЕҲРА Ё ҲАФТ «ЖУРНАЛИСТ БАРОИ ҲАМЕША»

**«Журналистика қудрати дигар ва беҳтар кардани ҷаҳонро дорад», - возеҳ, равшан ва огоҳона менависад Камоли Қурбониён дар китоби тозанашри хеш «Журналист барои ҳамеша». Дар ҳар сатри китоб назари дақиқ, ҷӯяндагӣ, заковат ва тафаккури пӯёи Камоли Қурбониён эҳсос мегардад.**

Китоби «Журналист барои ҳамеша» аз рӯзгор, осор ва андешаю афкори ҳафт журналисти номдори тоҷик - Фарзонаи Хуҷандӣ, Бобохони Маҳмад, Талъат Нигор, Абдулқодири Раҳим, Ҳуриннисо Ализода, Марямбонуи Фарғонӣ ва Акбари Саттор қисса мекунад. Сабки нигориши китоб бо шеваи хос ва нававарона буда, матлабҳои он аслан дар шакли мустанад ва таҳқиқӣ манзури хонанда гаштаанд. Чун Камоли Қурбониён журналисти соҳибназар аст, нигоҳи равшани ӯ дар бозгӯ кардани рӯзгор, осор ва афкори қаҳрамонони китоб ҷолиб, ҷозиб ва матлуб афтодааст.




«Журналистон асрорро фош месозанд, пажӯҳиш анҷом медиҳанд, адолатро барқарор мекунанд. Намунаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба шарофати заҳмати журналистон раванди таърих ба маънии воқеии ибора дигар шудааст»,- нигоштааст Камоли Қурбониён. Ин андеша мисли равзанаест, ки аз он муаллифи китоб ба дунёи журналистика ва ҷойгоҳу мақоми журналистон менигарад. Ин ҳамон зовияест, ки тавассути он хонандаро ба дунёи ишқу армон, кору зиндагии қаҳрамонони китоб раҳнамун месозад.

Китоби «Журналист барои ҳамеша» асари таҳқиқотист. Чаро? Дар муҳтавое, ки дар бораи Фарзонаи Хуҷандӣ навишта шудааст, мехонем:

«Иттилои расмӣ
Кӯдакӣ ва хонавода
Корномаи эҷодӣ
Тарҷумаҳо
Зиндагии хусусӣ
Имрӯзи Фарзонаи Хуҷандӣ
Эҷодиёт».

Инҳо номи матлабҳое ҳастанд, ки муаллиф дар бораи Фарзона менависад. Нуктаи муҳим дар ин муҳтаво он аст, ки Камоли Қурбониён ҳар матлаберо, ки менависад, ҳамчун як пажӯҳишгар намоён мешавад. Андешаҳои ӯ амиқ, воқеъбинона ва асоснок ифода мегарданд. Масалан, вақте дар бораи мақоми шоирии Фарзона сухан дар миён меорад, менависад: «Фарзона аз зумраи ҳамон шоирони имрӯзи тоҷик аст, ки эҷодкорони навгаро шинохта шудаанд. Бо эътирофи муҳаққиқон, ӯ бо сабку салиқа ва садои хоси эҷодӣ вориди майдони адабиёт гардидааст». Ҳамин тавр, бо баёни андешаи худ ва назари шоирону адабиётшиносон мақоми шоирии Фарзонаро мушаххас месозад. Албатта, муаллифи китоб танҳо дар бораи Фарзонаи Хуҷандӣ ин корро намекунад, балки ҳар қаҳрамони асари худро ҳамин тавр бо далелҳо ва мустанад муаррифӣ месозад.

Ин нуктаро таъкид кардан бамаврид аст, ки китоби «Журналист барои ҳамеша» хусусияти тазкираӣ низ дорад, аммо бо шеваи комилан ҷадид эҷод шудааст. Ин хусусияти китоб дар тасвири зиндагинома ва нишон додани эҷодиёти қаҳрамонон инъикос мегардад.

Нуктаи муҳими дигари китоб дар бахшҳои «50 посухи хотирмони Фарзонаи Хуҷандӣ», «100 қоидаи зиндагии Бобохони Маҳмад», «25 ёднома аз 70 соли умр»-и Талъат Нигор, «60 сабаби навиштани китоби «Зиндагие баландтар аз ин зиндагӣ», «101 қаламкаш андар сифоти Ҳуриннисо Ализода», «40 ёддошт аз дафтари хотироти Марямбонуи Фарғонӣ» ва «50 факти ҷолиб оид ба Акбари Саттор» баръало мегардад.

Муаллиф ин тарзи пешниҳоди маводро пештар аз китоби «Журналист барои ҳамеша» дар маҷмуаи дигари худ «Зиндагие баландтар аз ин зиндагӣ» таҷриба кардаю муваффақ шуда буд. Ин бор низ ӯ ин корро муваффақона анҷом медиҳад ва хонандаро бо паҳлуҳои гуногуни афкор ва осори қаҳрамононаш ошно мегардонад. Камоли Қурбониён тавонистааст дар «50 посухи хотирмони Фарзонаи Хуҷандӣ» хонандаро ба дунёи зебо ва андешаҳои бикру хотироти рангини шоир ҳидоят созад. Ин бахш он қадар ҷолиб аст, ки хонанда онро ба як нафас мехонад ва як ҷаҳон баҳраи маънавӣ мегирад. Масалан, Фарзона ба саволи «- Дар миёни аҳли адаби рус ин андеша маъмул аст: «Пушкин ҳамаи дору мадори мост». Оё мо ҳам дар мавриди ягон шоири бузурги тоҷик гуфта метавонем, ки «ӯ ҳамаи дору мадори мост?», чунин посух медиҳад: «- Мо бисёр бузургони офоқгиру ҷаҳонтасхир дорем, аммо ман гирифтору дилбаставу мафтуни Мавлонои Балхам. Ҷалолуддини Балхӣ, ки ҳич наметавонам андозаи бузургиашро муайян кунам… Ба пиндори ман, ҳаҷми руҳи як инсони нобиға ҳам ҳаргиз ба ин фароҳӣ нест. Умуман ман дар дунё шоиреро ба ин вусъат ва масоҳат надидаам…».

«100 қоидаи зиндагии Бобохони Маҳмад» низ пур аз хикмат аст. Он китоби алоҳидаест пур аз таҷрибаи зиндагӣ ва дарси ҳаёт. Намунаҳои зерин аз ҳамин бахшанд: «Вақте шарафи инсонии ман дар миён аст, омодаам ба ҷанги шер бархезам», «Қуллаи дарпешистодаро ба он хотир фатҳ мекунам, ки имкони фатҳи қуллаиояндаро ба даст орам», «Мекӯшам, ки ба майли худ зиндагӣ кунам, на ба муроди дигарон».

Камоли Қурбониён бо овардани «100 қоидаи зиндагии Бобохони Маҳмад» чеҳраи зоҳирию ботинии қаҳрамонро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳар нуктае, ки дар ин бахш зикр мегардад, аз таҷрибаи як инсони вораста, ки шебу фарози зиндагиро дидаю лаззати шодию ғамашро чашидааст, пеши назар ба ҷилва меояд.

«25 ёдмонда аз 70 соли умр»-и журналисти хушном Талъат Нигор хотироти ширину ибратомӯзи ӯро дар солҳои гуногун фаро мегирад. Дар баробари ин ёдномаҳои Талъат Нигор чеҳраи худи ӯро чун як эҷодкор – журналисти боистеъдоду қавиирода ба намоиш мегузорад. Хонанда аз ҳар сатри навиштаи ӯ фарёди дил, умеду орзу, кору пайкорашро мешунаваду мебинад. Дар хотироти Талъат Нигор чеҳраҳои машҳури илму адаби мо Воҳид Асрорӣ, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Муаззама Аҳмадова… зоҳир мешаванд, як саҳифаи рангини рӯзгорашон ба тасвир кашида мешавад ва барои шинохти гӯшаҳои ноаёни зиндагии он азизон ба хонандаю пажӯҳишгарон ёрӣ мерасонад.

Камоли Қурбониён бо ҷой додани «25 ёдмонда аз 70 соли умр»-и Талъат Нигор кӯшидааст то чӣ андоза пурбор будани зиндагии ин журналисти машҳурро нишон диҳад. Кӯдакӣ, наврасӣ, донишҷӯӣ, корномаи журналистӣ, зиндагии хусусӣ ва имрӯзи Талъатбонуро бо ҳамин васила пурратар, комилтар ба хонанда муаррифӣ созад.

Қаҳрамони дигари китоби «Журналист барои ҳамеша» рӯзноманигор, шоир ва нависандаи нававар Абдулқодири Раҳим аст. Соле пеш Камоли Қурбониён дар бораи Абдулқодири Раҳим китобе бо исми «Зиндагие баландтар аз ин зиндагӣ» навишта буд. Он китоб, воқеан ҳам, бо тарзи нигориш, баёни мавзуъ, бозгӯи паҳлуҳои мухталифи рӯзгор ва осори Абдулқодири Раҳим як асари тоза ва ҷаззобест, ки зуд машҳур гашт. Муаллиф дар китоби мавриди назари мо «60 сабаби навиштани китоби «Зиндагие баландтар аз ин зиндагӣ»-ро баён месозад. Дар ин бахш Камоли Қурбониён чун пажӯҳишгари адабиёт ба назар мерасад, ки андеша ва гуфтораш хеле қавӣ аст. Вай менависад: «Хостам ба муҳаққиқону мунаққидон дар таҳқиқу накди адабии осори Абдулқодири Раҳим илҳому ангеза бахшам». Ҷои дигар ишора менамояд: «Хостам муштоқони назмро бо шоири ҳақиқӣ ва шеъри ҳақиқӣ ошно созам». Ниҳоят ба ин хулоса мерасад: «Зиндагии Абдулқодири Раҳим шеъру шеъраш зиндагист».

Ҳамин тавр барои хонанда Абдулқодири журналист ва шоирро муаррифӣ месозад ва нукта ба нукта ҳунар ва истеъдоди қаҳрамони худро ошкор менамояд.

**Хушо субҳе, ки шаккарханд кардӣ,**
**Хуширо бо хушӣ пайванд кардӣ.**

Бо ҳамин мисраъҳои Фарзонаи Хуҷандӣ, ки дар мавлуди журналисти машҳур Ҳуриннисо Ализода навиштааст, бахши «101 қаламкаш андар сифоти Ҳуриннисо Ализода» оғоз мешавад. Ин бахш бо истифода аз матолиби Фейсбук нигошта шудааст. Мушоҳида мешавад, ки матлабҳои навишта ва ё баргузидаи Камоли Қурбониён дар китоб якранг набуда, балки бо гуногунжанрию гуногунрангии худ таваҷҷуҳбарангезанд.

Ҳуриннисо Ализода, ки журналисти соҳибназару соҳибмақом аст, миёни мардум чеҳраи ошност. Муаллифи китоб кӯшидааст, ки сабаби маҳбубият, ҷасорат ва то чӣ андоза соҳибназар будани қаҳрамони хешро бо шеваи хоси пажӯҳишгарӣ кашф созад.

Қаҳрамони дигари китоб Марямбонуи Фарғонӣ аст. Бонуе бедордил, журналист ва нависандаи хушном, барандаи Ҷоизаи байналмилалии адабии ба номи Борис Пастернак. Дар бахши «40 ёддошт аз дафтари хотироти Марямбонуи Фарғонӣ» ин сатрҳоро мехонем: «Банда худро, пеш аз ҳама, публитсист медонам, публитсисте, ки асосан дар мавзуъҳои худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ менависад».

Паёми асосии ёддоштҳои Марямбону огоҳона зистан, худро шинохтан, миллат ва бузургонашро дӯст доштан, аз худ осори хайре боқӣ гузоштан аст. Камоли Қурбониён ба таври мустанад ошкор месозад, ки Марямбону, воқеан ҳам, тимсоли муҳаббат ба миллату Ватан ва садоқат варзидан ба пешаю рисолати инсонии хеш мебошад.

Шодравон Акбари Саттор чеҳраи дигари китоб аст, журналисте, ки бо хидматҳои шоистааш ба журналистикаи тоҷик аз худ номи нек боқӣ гузошта. Камоли Қурбониён корномаи журналистии Акбари Сатторро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷойгоҳ ва мақоми ӯро дар олами рӯзноманигорӣ мушаххас месозад. Ӯ, аз ҷумла, менависад: «Акбари Саттор аз ҳамон соли 2006 (замоне ки Акбари Саттор бори аввал раиси Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон интихоб гардид) то дами маргаш барои боло бурдани нуфузу эътибори журналистону Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, муаррифии ин созмони ҷамъиятӣ дар дохилу хориҷи кишвар хидматҳои фидокоронаи қобили таваҷҷуҳ кард. Ӯ тавонист, ки ҳамкории дуҷонибаи ҳукумату ВАО-ро ба роҳ монад, Иттифоқи журналистони Тоҷикистонро чун созмони ҳамраъйи давлат ва мардум муаррифӣ намояд».

Муаллиф барои боз ҳам беҳтару хубтар муаррифӣ кардани шахсияти Акбари Саттор аз хотираҳои дӯстони ӯ истифода менамояд ва ин корро бо бахши «50 факти ҷолиб оид ба Акбари Саттор» боз ҳам пурратар месозад. Бахши мазкур хеле ҷолиб буда, таваҷҷуҳи хонандаро зуд ба худ мекашад ва бо фактҳои ҷолибе аз ҳаёти ин рӯзноманигори фақид ошно мегардад. Ҳамаи фактҳои дар бораи Акбари Саттор овардаи муаллиф ҷолиб ва ба ёд мондани ҳастанд.

Ҳамин тавр, китоби «Журналист барои ҳамеша» аз он ҷиҳат асари арзишманд аст, ки дар бораи ҳафт симои барҷастаи журналистикаи тоҷик маълумоти ҷолиб медиҳад. Ҳар касе, ки китобро ба даст мегирад, муштоқона онро мутолиа месозад. Ин асар пажӯҳишӣ, мустанад ва тазкираӣ аст, ки барои муҳаққиқон туҳфаи хубест. Қаҳрамонони асар бо шеваи хос, услуби ҷолиб ва матлубе муаррифӣ мешаванд, ки хоси ҳунари нигорандагии Камоли Қурбониён аст.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

# БАРОИ ШАРОИТИ БЕҲТАРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**Дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Панҷосиёби деҳоти «Зарбдор»-и шаҳри Кӯлоб бинои иловагии муассисаи таълимии №14 барои 480 хонанда бунёд ёфт.**



Тавре директори муассисаи мазкур Сайфулло Тағоев изҳор дошт, он 4 январи соли ҷорӣ бо иштироки Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Раҳим Саидзода, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода ва дигар шахсони расмӣ ба истифода дода шуд.

Фармоишгари иншоот Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ҷониби Бонки исломии рушд дар шафати муассисаи таълимӣ бо харҷи 5 миллиону 614 ҳазор сомонӣ бунёд гардид ва пудратчии сохтмон Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Махсус» мебошад. Бино дуошёна буда, аз 10 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла хонаи омӯзгорон, кабинетҳои фаннии химия, физика ва биология, иборат аст, ки дар он дар як баст 240 хонанда ба таълим фаро гирифта мешавад.

Айни замон дар муассисаи таълимӣ 847 хонанда ба таълим фаро гирифта шуда, ба онҳо 52 омӯзгори соҳибтахассус таълим медиҳанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419668 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» | Чопи маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» - 132000 адад | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 05.02.2024 09:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмунҳои тендерии дастрас, пешниҳод, таъмин хизматрасонӣ, иваз, интиқол, таъмир, таҷдид ва тамоми намудҳои дигари хизматрасониҳо аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи хоҳишмандонро дар асоси буҷети барномаҳо ва буҷети Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи марказии ҶҲАТ аз рӯи таснифот ва лотҳои зерин барои бастани шартномаҳои гуногуни муҳлатноки аз як то се сол даъват менамояд:**

1. Дастрас, харид, интиқол, таъмини молу маҳсулоти хӯрока ва ғайри он (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
2. Боркашонӣ ва интиқолдиҳии маводу таҷҳизот аз нуқтаи муайяншуда то нуқтаи дастуршуда бо тартиби кафолати беосеб расонидани борҳо (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
3. Хизматрасонии таъмири нақлиёти хизматӣ, хариди қисмҳои эҳтиётӣ ва ивази онҳо (то се сол бо пешниҳоди кафолати истифодаи қисмҳои эҳтиётӣ то як сол);
4. Таъмини маводи сӯзишворӣ ба нақлиёти хизматии ҶҲАТ, дар асоси баргаҳои махсуси тасдиқшуда (то се сол бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
5. Харид, таҷдид, азнавсозӣ, рангубори иншоотҳои сохтмонӣ, дар Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи марказии ҶҲАТ ва дар минтақаҳо (аз се моҳ то як сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
6. Пешниҳоди хизмати тарҷумонӣ, тарҷумаи синхронӣ, расмии ҳуҷҷатҳо ва дигар намуди хизмати тарҷумонӣ (то як сол);
7. Босифат таҳия, чоп, дастрас, таъмин намудан ва хариди маводи иттилоотӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
8. Сабт, таҳия ва наворгирии ҳама гуна чорабиниҳо, дар мавридҳои зарурӣ намоиши онҳо дар ВАО (телевизион, радио, чоп дар матбуоти даврӣ ва дигар намуди иттилоотонӣ), таҳияи видеороликҳо, сабти фиттаҳо, аз рӯи дархост (то як сол бо пешниҳоди сифати баланди хизматрасонӣ);
9. Харид ва таъмини таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ, аз рӯи дархост, бо маҳсулоти сифатнок ва дорои сертификат (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);
10. Таъмини хизматрасонии алоқаи барқӣ, дастгоҳҳои алоқа, кашидани ноқил барои пайвастшавӣ бо шабакаи интернет, таъмини симкортҳои хизматӣ ва модемҳо, таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоии иҷозатдодашуда (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);
11. Таҳия, дастрас ва таъмини сарулибос, кулоҳ, пойафзоли махсус бо рамзгузориҳо, аз рӯи дархост (то як сол, бо додани кафолати сифати мавод);
12. Дастрас, иваз ва таъмини маводи канселярӣ, таҷҳизоти корӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ (кондитсионер, компютер, принтер, проектор, дастгоҳҳои аксбардор, мизу курсиҳо ва ғайра), инчунин таъмири босифати онҳо бо пешниҳоди кафолати истифодабарии то як сол, аз рӯи дархост (то се сол);
13. Таъмини ҶҲАТ бо таҷҳизоти маишӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири босифати онҳо (ҷевон, яхдон, гармидиҳандаи барқӣ ва ғайра) аз рӯи дархост (то се сол);
14. Брон кардан ва сари вақт ба расмият даровардани чиптаҳои ҳавопаймо (то се сол);
15. Пешниҳоди хизматрасонӣ ва муҳайё намудани шароит барои баргузории семинар - машваратҳо (бо ташкили хӯроки нисфирӯзӣ, шом, кофебрейкҳо) бо назардошти нархҳое, ки дар санадҳои меъёрии дохилии ҶҲАТ муайян шудааст (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
16. Хизматрасонии меҳмонхонадорӣ, барои меҳмонони ба ҶҲАТ ташрифоваранда (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
17. Хизматрасонии кашонидан ва интиқоли кормандон ва меҳмонон тибқи дархостҳо (то се сол);
18. Дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот ва лавозимоти хоҷагидорӣ (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
19. Хариди маводи хотиравӣ (туҳфа, ҳадя ва ғайра), (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);
20. Хизматрасонии аудитӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати хулосаи мустақили аудитӣ);
21. Пешниҳоди майдонҳо (майдонҳои варзишӣ, баргузории машқҳои амалӣ - таҷрибавӣ);
22. Бастани шартномаҳои хизматрасонӣ бо довталабони фаъолияташон серсоҳа ва дорои иҷозатномаҳои чунин фаъолиятҳоро дошта (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ).

Бояд қайд намуд, ки дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва тамоми дигар намуди маснуот то анбори ҶҲАТ дар назар дошта шуда, бастани шартномаҳо бе шарти пешпардохт ва нақдӣ ба расмият дароварда шуда, пардохт баъди даромад шуданашон ба анбор ба суратҳисобҳои бонкӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин усул дар дигар намуди хизматрасониҳо низ роҳандозӣ карда мешавад (баъди анҷоми пурраи хизматрасониҳо бояд санадҳои дахлдор тартиб дода шавад).

Ҳамзамон, аксаран баргузории чорабиниҳо, таъмини мавод ва дигар намуди хизматрасониҳо дар воҳидҳои сохтории ҶҲАТ (минтақаҳои ҷумҳурӣ) дар назар дошта шуда, баинобатгирии ҳолати мазкур довталабонро зарур аст.

Барои иштирок дар озмунҳои тендерӣ, пешниҳоди дархости расмӣ дар хусуси иштирок аз рӯи кадом лот, бо замимаи ҳатмии нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ ва маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхатҳои ба сифати қарздор дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, маълумот дар бораи доштани суратҳисоби фаъол дар муассисаҳои бонкӣ (маълумотномаи бонкии дастрасшуда бояд саҳеҳ ва то пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба ҶҲАТ камтар аз 10 рӯзро дар бар гирад), лозим аст.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти бештар хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ, муроҷиат намоянд.

Муҳлати охирини қабули таклифҳо *то 9 феврали соли 2024, соати **09⁰⁰** бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи П. Лумумба (ҳоло Маҳмадалӣ Қурбонов), бинои 11, хонаи 29 ба Мамадасламова Гулбегим (РМА 025492790) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ №0152286, ки онро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2020 таҳти қайди 42 ба Шукуров Иброҳим Қиёмиддинович (РМА 265177423) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Теппаи самарқандӣ, хонаи 54 ба Саидов Низом додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираҳо ва таваққуфгоҳҳо дар хонаи навбунёдшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 16-уми ноябри соли 2018 таҳти феҳрасти 1Ш-2081 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, бинои 9, хонаи 5 ба Самадова Манзура Мирзоназаровна (РМА 025054732) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ГТС № 0034000, ки онро МТМУ №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2002 ба Аминов Хасан Азимович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи А № 211130, ки онро МТМУ №28-и ноҳияи Варзоб соли 1993 ба Давлатов Абдуҳафиз Раҳматович (РМА 155139972) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 01818851, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 13-уми марти соли 2019 ба Пайрузова Ҷонамо (РМА 035076660) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 11/2, хонаи 17 ба Сафаров Ғафор Рамазонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 11/2, хонаи 17 ба Сафаров Ғафор Рамазонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 11/2, хонаи 17 ба Сафаров Ғафор Рамазонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зебуннисо, кӯчаи Теппаҳои шарқӣ, минтақаи 3, хонаи 138 ба Абдуллоев Ғайбулло Файзуллоевич (РМА 035211130) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи бартарафсозии квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 25-уми январи соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-96 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Беҳзод 28, хонаи 3 ба Боймухамедова Зайнура, Ҳусейнова Фароғат ва Ҳусейнов Анвар (РМА 025089947) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидории таҳти рақами баруйхатгирии №1480, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ моҳи октябри соли 2014 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол-3 ба Ғайратова Маҳбуба Акрамовна (РМА 037223102) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи дорои коди 075324-и дараҷаи «С», ки онро МД «Литсейи касбӣ-техникии автомобилӣ»-и шаҳри Душанбе соли 2017 ба Ҳигматов Музаффар Салоҳидинович (РМА 155342508) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19-уми феврали соли 2015 таҳти феҳрасти 8Ш-604 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Ломоносов, хонаи 94/1, қисми хонаи истиқоматӣ ба Қаюмов Сорбон Амриддинович (РМА 045137315) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 4-уми ноябри соли 2020 таҳти феҳрасти 1Ш -3366 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гравзавод, бинои 81, хонаи 11 ба Тавакалова Салима Алиевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Соҳибкори инфиродӣ Исмоилов Илҳомджон Муминович (РМА 636060389), ки 20-уми майи соли 2021 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

✓ ҶДММ «Ҳабиба Турс» (РМА 020029732, РЯМ 0210000496), ки 3-юми августи соли 2009 дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Сафари Помир» (РМА 010088383, РЯМ 0110014117), ки 6-уми феврали соли 2012 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Тоҷгурӯҳ» (РМА 010104201, РЯМ 0110027775), ки 11-уми майи соли 2022 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ ТАҚХ «Васлат» (РМА 040021103), ки соли 2007 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**барои ишғоли мансабҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд:**

**1. Мутахассиси шуъбаи ба иҷора супоридани амволи давлатӣ**
1.2 Маълумоти олӣ;
1.3 Музди меҳнат – тибқи ҷадвали воҳиди корӣ.

**2. Ҳуқуқшинос**
2.2 Маълумоти олӣ;
2.3 Собиқаи корӣ на камтар аз 5 сол;
2.4 Музди меҳнат – тибқи ҷадвали воҳиди корӣ.

**3. Мутахассиси шуъбаи ташкили фурӯши моликияти давлатӣ (маркетолог, консултант)**
3.2 Маълумоти олӣ;
3.3 Музди меҳнат – тибқи ҷадвали воҳиди корӣ.

**4. Барномасоз-дизайнери шуъбаи иттилоот (IT, СММ)**
4.2 Маълумоти олӣ;
4.3 Музди меҳнат – тибқи ҷадвали воҳиди корӣ.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 ё бо телефонҳои 221-73-74, 221-49-87 муроҷиат намоед.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6 феврали соли 2024 музоядаи № 6-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли бароориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗЕЛ – 33023 | 01-49 | 1991 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 30 000 |
| 2 | ГАЗЕЛ – 33023 | 01-50 | 1991 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 30 000 |
| 3 | Автоприцеп ГКБ-8328 присеп 02/40-1 | - | 1991 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 10 000 |
| 4 | ВАЗ – 2107 | 64-52 | 2003 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 15 000 |
| 5 | УАЗ – 396252 | 64-08 | 2003 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 20 000 |
| 6 | Трактор ЮМЗ – 2624 | | 2004 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбегаз» | 20 000 |
| 7 | Пробирочное устройство газа, колонки ПУГК-2010 | | 1991 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 20 000 |
| 8 | Стенд барои санҷиши газ (счетчик) | - | 2004 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 10 000 |
| 9 | ГАЗЕЛ | 19-28 | 2009 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 50 000 |
| 10 | ГАЗЕЛ | 19-27 | 2009 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 50 000 |
| 11 | «Максима» | 21-90 | 2002 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 30 000 |
| 12 | ГАЗ – 53 (систерна) | 45-65 | 1990 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 35 000 |
| 13 | ГАЗ – 31105 | 78-98 | 2008 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 20 000 |
| 14 | ЗИЛ – 4314410 | 83-36 К | 1993 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 55 000 |
| 15 | ГАЗ – 52 | 59-15 К | 1974 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 30 000 |
| 16 | Трактор Т – 40 | 37-89 Г | 1996 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 30 000 |
| 17 | ММЗ – 4502 | 19-67 К | 1998 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 35 000 |
| 18 | Трактор ЮМЗ | 46-41 Г | 2002 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 40 000 |
| 19 | Трактор Т – 40 | 32-62 Г | 1992 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 30 000 |
| 20 | Трактор ЛТЗ-60-АБ-10 | 51-87 Г | 2009 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 60 000 |
| 21 | ВАЗ – 2107 | 838 ХМ 01 | 2008 | Корхонаи фаръии «Бадахшонагролизинг»- и Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» | 15 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми **«Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **- шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6 феврали соли 2024 музоядаҳои № 8 ва № 9-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**МУЗОЯДАИ № 8**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шарфи занона | адад | 550 | 8250 |
| 2 | Рӯймоли занона | адад | 61 | 793 |
| 3 | Кулоҳ (шапка)-и занона | адад | 509 | 3054 |
| 4 | Куртаи занона | адад | 115 | 2300 |

**МУЗОЯДАИ № 9**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Футболка | адад | 2680 | 40200 |
| 2 | Куртаи мардона | адад | 2135 | 21350 |
| 3 | Шиму костюм (кӯдакона) | ҷуфт | 195 | 40950 |
| 4 | Брижаи бачагона ва духтарона | адад | 534 | 10680 |
| 5 | Шортик (бачагона) | адад | 230 | 3450 |
| 6 | Курта бо брижааш | адад | 91 | 5005 |
| 7 | Шиму костюм | ҷуфт | 56 | 15680 |
| 8 | Тениска (футболка) | адад | 600 | 24000 |
| 9 | Шиму костюми кӯдаконаи «FIFA» | ҷуфт | 468 | 98280 |
| 10 | Дарзмол (утюг) | адад | 15 | 1350 |
| 11 | Шона | адад | 30 | 150 |
| 12 | Пешбандак барои сартарошхона | адад | 30 | 450 |
| 13 | Аробачаи кӯдакона (коляска) | адад | 4 | 3800 |
| 14 | Сечархаи хурд (велосипед)-и истифодабурдашуда | адад | 4 | 600 |
| 15 | Мошинчаи кӯдакона | адад | 1 | 1600 |
| 16 | Тафдонҳои барқӣ (духовка) | адад | 14 | 4200 |
| 17 | Пойафзоли зимистона | адад | 47 | 2115 |
| 18 | Мӯзачаи зимистонаи кӯдакона (шрек) | адад | 232 | 3480 |
| 19 | Калӯш | адад | 400 | 6000 |
| 20 | Пойафзоли тобистонаи занона (чипси) | адад | 180 | 3600 |
| 21 | Пойафзоли мардона (крассовка) | адад | 88 | 3520 |
| 22 | Телефони тамғаи «Redmi Note 8 pro» | адад | 55 | 63800 |
| 23 | Телефони тамғаи «Redmi Note 8» | адад | 20 | 20600 |
| 24 | Телефони тамғаи «Redmi 7» | адад | 33 | 21780 |
| 25 | Телефони тамғаи «Redmi Note 7» | адад | 4 | 3240 |
| 26 | Телефони тамғаи «Redmi 9 A» | адад | 8 | 6400 |
| 27 | Телефони тамғаи «Redmi Note 9» | адад | 1 | 950 |
| 28 | Телефони тамғаи «Redmi Note 7 pro» | адад | 3 | 2400 |
| 29 | Телефони тамғаи «Redmi 5+» | адад | 5 | 3000 |
| 30 | Телефони тамғаи «Redmi Note 5» | адад | 5 | 3300 |
| 31 | Телефони тамғаи «Redmi 6» | адад | 4 | 2200 |
| 32 | Телефони тамғаи «Jinga» | адад | 19 | 7600 |
| 33 | Телефони тамғаи «Mi 4x» | адад | 5 | 2500 |
| 34 | Телефони тамғаи «Samsung Galaxy c 9» | адад | 4 | 5600 |
| 35 | Телефони тамғаи «Samsung Galaxy A 8» | адад | 1 | 950 |
| 36 | Планшети тамғаи «Samsung Galaxy TAB 3» | адад | 26 | 9100 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми **«Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **- шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум
Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 январи соли 2024, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34725 нусха*

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97